**Тақризи**

**роҳбари илмӣ д.и.и., профессор Раҷабов Р.К ба рисолаи Шарифова Дилором Мустафоқуловна дар мавзӯи «Такмили низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасонии тиҷоратӣ ва маишӣ) пешниҳод шудааст**

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти инноватсионӣ ва рақамӣ, амали сохтани механизми ташкилию иқтисодӣ ва танзими низоми идоракунии соҳаҳою корхонаҳо ва пешниҳоду амалисозии хизматрасониҳо, аз ҷумла хизматрасониҳои маишӣ ба аҳолӣ ҷойи махсусро ишғол мекунад. Афзудани накш ва аҳамияти хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ пешбурди амалиётҳои ҷавобгӯ ба талаботи иштирокчиёни бозор, такмили механизми танзими давлатӣ, амали сохтани стратегияи рушди ва ворид намудани дигаргуниҳоро вобаста ба талаботи аҳолӣ ва қишрҳои осебпазири он тақозо менамояд.

Аз таҳлили раванди пешниҳоду расонидани хизматрасониҳои маишӣ ба аҳолӣ бар меояд, ки муаммоҳои зиёде дар ин раванд мавҷуданд, на ҳама паҳлуҳои масоили такмили низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ба тариқи пурра омӯхта нашудаанд ва пешбурди таҳқиқоти мақсаднокро дар шароити кишвари мо ва минтақаҳо он дар назар дорад ва аз ин рӯ мубраммияти мавзӯи диссертатсияи Шарифова Д.М. бе баҳс аст.

Аз таҳлили рисола бар меояд, ки дар он ба тариқи пурра асосҳои консептуалии рушди соҳаи хизматрасонӣ ва нақши он дар таъмини рушди низоми иқтисодиёти бозорӣ дида баромада шуда, ҳамчунин равишҳои назариявӣ ва хусусиятҳои истифодаи онҳо дар соҳаи хизматрасонии мамлакат ва минтақаҳои он дар шароити иқтисоди бозорӣ таҳқиқ карда шуданд.

Дар рисола дар асоси омӯхтани ҳаматрафаи таҳқиқотҳои ба анҷомдода шуда моҳияти иҷтимоию иқтисодии хизматрасонии маишӣ, нақши он дар шароити рушди иқтисодиёти бозорӣ ва муайян намудани талабот дар раванди рушди соҳаи хизматрасонӣ ба аҳолӣ дида баромада шудааст.

Диққати асосӣ дар диссертатсия ба омӯзиши хусусиятҳо ва масоили низоми танзими хизматрасониии маишӣ ба аҳолӣ дода шуда роҳҳои мухталифи амалисозии онҳо ва дар асоси пешниҳоди такмили низоми хизматрасонӣ бо назардошти рушди бозори хизматрасонии маишӣ ба

аҳолӣ ва идоракунии он дар шароити таъмини рушди инноватсионӣ сурат гирифтааст.

Дар асоси истифодаи маълумотҳои аниқ вазъ ва рушди иқтисодиёту соҳаи хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шуда, таҳлили вазъи хизматрасонии пулакию маишӣ ба аҳолии он ва вилояти Хатлон, гузаронидани назарсанҷишҳо ва муайян намудани омилҳои таъсиррасон амалӣ карда шуда, норасоиҳои ҷойдошта ва модели фаъолгардонӣ дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ бо назардошти омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ пешниҳод карда шуда, истифодаи таҷрибаи мазкур дар раванди хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ сурат гирифтааст.

Дар рисола таҳияи консепсияи минтақавии низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба анҷом расонида шуда, механизми дастгири давлатӣ ва танзими хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ бо назардошти таҳқиқи хусусиятҳо, нақши механизми шарикию давлатӣ ва бахши хусусӣ ҳангоми расонидани хизматҳои дорои аҳамияти иҷтимоӣ, созмон додани комплекси ягонаи хизматрасонии маишии дастраси пиёдагардӣ ба аҳолӣ ва идораи оқилонаи он такмил дода шудааст.

Дар диссертатсия самтҳои афзалиятноки такмили низоми танзими давлатӣ ва худтанзимкунӣ, ҳангоми расонидани хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ бо истифодаи амсиласозии бисёромилаи иқтисодию риёзӣ, истифодаи технологияи муосири рақамӣ, дастгирии ҳуқуқӣ, ташаккули зерсохтори дастгирии соҳибкории хурду миёна дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолии вилояти Хатлон то соли 2030 асоснок ва пешниҳод карда шудааст.

Дар хулосаи рисола роҳҳои такмили низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолии вилояти Хатлон пешниҳод карда шудааст.

Дар давоми иҷрои рисола аз тарафи муаллиф 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷалаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп карда шуданд.

Бояд қайд намуд, ки хулоса ва пешниҳодҳои он аз раванди ташкил ва идоракунии соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар вилояти Хатлон истифода шудааст. Инчунин маводҳои диссертатсия ҳангоми омӯхтани фанҳои «Менеҷмент», «Иқтисодиёт ва ташкили соҳаи хизматрасонӣ», «Макроиқтисод», «Молия», «Иқтисод ва ташкили соҳибкорӣ» истифода шуданд.

Дар маҷмӯ аз тарафи муаллиф Шарифова Дилором Мустафоқуловна мустақлона диссертатсия дар мавзӯи «Такмили низоми танзими давлатии

хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасонии тиҷоратӣ ва маишӣ) пешниҳод шудааст, таҳқиқоти мукаммали анҷомёфта буда, унсурҳои навгонии кифояи илмӣ дорад ва дастоварди назаррасӣ илмӣ маҳсуб меёбад. Диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рисолаҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисоси дар боло зикршуда ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ин ихтисос мебошад.

**Роҳбари илмӣ,**
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор, профессори
Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон Раҷабов Р.К.

Имзои д.и.и., профессор Раҷабов Р.К.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.С.

Суроғаи донишгоҳ: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе; кӯчаи Деҳотӣ,1/2
Почтаи электронӣ: drrajab@mail.ru
Тел:+992934444107